# ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# МДТ "ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБУАЛӢ ИБНИ СИНО"

Бо Қарори Раёсати Кумитаи
иттифоқи касабаи
кормандони тандурустии
Тоҷикистон
«05» январи соли 2023, № 3

"Мувофиқа шудааст"
Ректори МДТ "Донишгоҳи
давлатии тиббии Тоҷикистон ба
номи Абуалӣ ибни Сино" д.и.т.,
профессор Гулзода М.Қ.
________
«__» __________ с.2023, № 5

## Низомномаи
## Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯёни МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино"

ДУШАНБЕ 2023

1. Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино дар асоси Оинномаи иттифоқи касаба интихобӣ буда, ҳамчун намоянда аз номи донишҷӯён дар назди маъмурияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба масъалаҳои таълим, меҳнат, истироҳат ва корҳои маданӣ-оммавӣ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ фаъолият мебарад. Кори кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯён дар ҳамкории бо Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони тандурусти Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

2. Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯён ба масъалаи асосии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тайёр намудани мутахассисони баландихтисос мутобиқи талаботи иқтисоди бозорӣ мусоидат менамояд.

2.1.Масъалаҳои ҳавасмандгардонии донишҷӯён, интернаву ординаторҳои клиникӣ, магистрҳо ва аспирантҳоро барои дастовардҳои таълимӣ, илмӣ ва фаъолияти ҷамъиятиашон ҳаллу фасл намуда, ҳамзамон ба онҳо дар мавридҳои зарурӣ ёрии моддӣ расонад.

2.2. Дар назди маъмурияти муассисаи таҳсилоти олии касби барои беҳтар намудани раванди таълим, таҷрибаи омӯзгорӣ ва истеҳсолӣ, самаранок истифода бурдани реҷаи вақти донишҷӯён, инчунин оид ба омода намудани ҷадвали имтиҳоноти ҷорӣ, санҷишу мусоҳибаҳо, ҷадвали иҷрои

ҳимояи корҳои курсӣ ва дигар намудҳои корҳои мустақилонаи донишҷӯён масъалагузорӣ мекунад.

2.3. Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯён назорати иҷрои нақшаҳои таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, риоя намудани меъёри сарбории донишҷӯён дар ҳамаи намудҳои таълим, гузаронидани дарсҳои таълимӣ мувофиқ ба ҷадвали устувор ва реҷаи дарсии донишҷӯро амалӣ месозад.

2.4. Ба донишҷӯёни ятими кулл, нимятим, маъюбон ва камбизоатон вобаста ба имтиёзҳои муайянгардида ва имкониятҳои мавҷудаи донишгоҳ дар доираи қонунҳои амалкунанда кӯмаки моддӣ расонад.

2.5. Ҳангоми тақсимоти маблағҳои буҷетӣ бо иштироки Кумита барномарезӣ ва тақсимоти моддаҳои хароҷотиеро, ки бевосита манфиатҳои донишҷӯёнро дар бар мегиранд, таъмин намояд.

2.6. Барои истифодаи донишҷӯён аз биноҳои варзишӣ ва таҷҳизотҳои варзишие, ки барои ташкил ва баргузор намудани ҳама гуна чорабиниҳои варзишӣ, оммавӣ ва солимгардонӣ пешбинӣ шудаанд, мусоидат намояд.

2.7. Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯён дар инкишофи корҳои эҷодии техникӣ, илмӣ-тадқиқотӣ, беҳтар намудани фаъолияти илмию ҷамъиятӣ, ҷалб намудан ба маҳфилҳои назди донишгоҳт ва кафедравӣ ҳаматарафа кӯмак мерасонад.

2.8. Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯён дар якҷоягӣ бо роҳбарони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ воҳуриҳои эҷодӣ, ки хусусияти илмию тадқиқотӣ доранд, ташкил менамояд.

2.9. Дар ҳамкорӣ бо дигар ташкилоти ҷамъиятӣ дар гузаронидани конференсияҳо ва озмунҳои ҷумҳуриявӣ, беҳтарин кори илмии донишҷӯён бо назардошти фаъолияти онҳо дар корҳои ҷамъиятӣ, илмиву тадқиқотӣ фаъолона иштирок мекунанд ва пешбарии онҳо барои гирифтани идрорпулиҳои номӣ саҳм мегузорад.

2.10. Дар коркарди лоиҳаҳо, нақшаҳои сохтмон, таъмир ва ободонии хобгоҳҳо, ташкили истироҳатгоҳҳои саломатию варзишӣ фаъолона ширкат меварзад.

2.11. Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино барои тайёр намудани лоиҳаи созишнома оид ба муҳофизати меҳнат, назорат бурдан аз болои иҷрои қоидаҳо ва меъёрҳои техникаи бехатарӣ, тозагӣ дар синфхонаҳо, озмоишгоҳҳо ва дигар утоқҳои таълимии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ иштирок мекунад.

2.12. Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯён намояндаҳои худро оид ба аъзогии шӯрои илмӣ, илмӣ-методӣ, комиссияи қабул, созмони ҷавонон ва муқаррар кардани идрорпулии донишҷӯён пешбарӣ менамояд. намояндаҳои иттифоқи касабаи донишҷӯён дар ин шӯро ҳамчун шахси комилҳуқуқ аз ҷониби иттифоқи касаба иштирок менамояд.

3. Роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар мувофиқа бо Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯёни корҳои зеринро ба анҷом мерасонад:

3.1. Дар ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ масоили таъмини раванди таълим ва истироҳат, манфиатҳои иҷтимоию моддии донишҷӯён, интернаву ординаторҳои клиникӣ, магистр ва аспирантҳои мактаби олиро ҳимоя кунад.

3.2. Дар масъалаҳои хориҷ ва барқарор намудани донишҷӯён ширкат варзад.

3.3. Барои ҳалли масъалаҳои баҳсии донишҷӯёне, ки аз донишгоҳ хориҷ гардидаанд, ё муваққатан аз гирифтани идрорпулӣ маҳрум шудаанд ва ё қоидаҳои тартиботи дохили донишгоҳро вайрон намудаанд, ёрӣ расонад.

3.4. Дар тақсимоти масоҳати истиқоматӣ дар хобгоҳҳои донишгоҳ ширкат варзад.

3.5. Масоили расонидани ёрии ҳуқуқӣ ва додани машваратҳои зарурӣ ба муҳассилинро матраҳ намояд.

3.6. Пешниҳодҳои маъмуриятро омӯхта, дар сурати мухолифат надоштанашон бо қонунҳои амалкунанда, онҳоро дастгирӣ намояд.

3.7. Ба ташкили истироҳату табобати донишҷӯён мусоидат намояд.

3.8. Истифодаи самараноки сарфи маблағҳои Кумитаро аз рӯи ниёзу эҳтиёҷоти донишҷӯён ба самтҳои лозимӣ равона намояд.

3.9. Дар тақсимот ва истифодаи мақсадноки маблағе, ки аз буҷаи давлат ба Кумита ҷудо карда мешавад, ҷиҳати гузаронидани корҳои маданӣ-маърифатӣ ва варзишию оммавӣ ширкат варзад.

3.10. Барои ҳавасмандгардонии донишҷӯёни аълохон ва онҳое, ки дар корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, чорабиниҳои ҷамъиятию варзишӣ фаъолона ширкат меварзанд, мусоидат намояд.

3.11. Дар якҷоягӣ бо самти тарбия, Шуъбаи кор бо ҷавонон, Шӯрои занон ва духтарон ва садорати факултетҳо дар байни донишҷӯён корҳои тарбиявиро ба роҳ монад.

3.12. Дар якҷоягӣ бо муовинони декан оид ба тарбия, Шуъбаи кор бо ҷавонон ба кори Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳҳо ва Шӯрои донишҷӯёни донишгоҳ ёрӣ расонад.

3.13. Назорати ҷамъиятии реҷаи кории нуқтаҳои хӯроки умумиеро, ки ба донишҷӯён хизмат мерасонанд, пурзӯр намуда, нарху наво, сифати хӯрок, таъмини хӯроки парҳезӣ ва намудҳои гуногуни хӯрокҳои арзонро зери назорат гирад.

3.14. Қоидаҳои дохилӣ, реҷаи даромад ва баромади донишҷӯёнро дар хобгоҳҳо таҳия ва тасдиқ мекунад;

3.15.Ба донишҷӯёне,ки камбизоатанд, ёрии моддӣ мерасонад;

4. Кумитаи иттифоқи касабаи дар иҷрои корҳои зерин фаъолона ширкат менамояд:

4.Вазифаҳои Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯёни Донишгоҳ:

4.1. Ҷаласаҳои иттифоқи касабаи донишҷӯёнро мегузаронад ва иҷрои қарорҳои онро доимо зери назорат гирифта, пешниҳоду дархостҳои донишҷӯёнро баррасӣ намуда иҷрои он қарорҳоро таъмин мекунад;

4.2. Дар якҷоягӣ бо маъмурияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва дигар созмонҳои ҷамъиятӣ барои беҳтар намудани шароити меҳнат, зист ва истироҳати донишҷӯён озмунҳои гуногун мегузаронад ва таҷрибаи пешқадами онҳоро дар байни гурӯҳҳои донишҷӯён паҳн намуда, ғолибони озмунҳоро

муайян мекунад. Пешниҳоди иштирокчиёни фаъолро барои ҳавасмангардонӣ бо ифтихорнома ё маблағ баррасӣ намуда, барои дар «Тахтаи фахрӣ» ё «Китоби фахрӣ» ҷой додани номи донишҷӯёни беҳтарин мусоидат мекунад;

4.3. Дар якҷоягӣ бо Кумитаи иттифоқи касабаи кормандон ва Созмони ҷавонон дар байни донишҷӯён корҳои тарбиявӣ, ҳарбӣ, Ватандӯстӣ, худфаъолияти бадеӣ ва намоишу озмунҳоро ривоҷ дода, аз байни гурӯҳҳо ғолибонро муайян менамояд;

4.4. Вобаста ба имконияти иқтисодӣ донишҷӯёнро бо роҳҳатҳо ба истироҳатгоҳҳо ва ҷойҳои солимгардонию варзишӣ мефиристонад;

4.5. Дар якҷоягӣ бо Созмони ҷавонон ба кори Шӯрои донишҷӯён дар хобгоҳ роҳбарӣ менамояд;

4.6. Ташкили хизмати тиббӣ нисбат ба донишҷӯёнро зери назорат гирифта барои мунтазам гузаронидани муоинаи тиббӣ ва беҳтар намудани саломати донишҷуён дар ҷоёҳои солимгардонию варзишӣ кӯмак мерасонанд.

4.7. Таъминот, таъмир ҳаққи барқ, гармӣ, тозагӣ ва таҷҳизоти биноҳои зикршуда ва боғу гулгаштҳо аз ҳисоби маблағҳои муассисаи таҳсилоти касбӣ ҷуброн карда мешавад.

4.8. Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯён метавонад бе бозгашт аз тавозун ҷиҳозҳои маданӣ, иҷтимоӣ ва варзиширо, ки аз ҳисоби маблағи муассисаи таҳсилоти олӣ касбӣ гирифта шудааст, қабул намояд ва истифода барад.

5. Низомномаи мазкур дар доираи салоҳияти Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯёни МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино” амал мекунад.

*Низомнома дар қарори Кумитаи иттифоқи касаби донишҷӯён санаи «04_»__01____, с. 23 №2 баррасӣ гардидааст.*

Раиси Кумитаи иттифоқи
касабаи донишҷӯён ДДТТ
ба номи Абӯалӣ ибни Сино,
н.и.п. Сафаров Б.Б.